ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ пешниҳод шудааст.

Бемории сил то имрӯз яке аз масъалаҳои ҷиддии соҳаи тандурустӣ ва тибби ветеринарӣ ба ҳисоб меравад. Ин ки дар ҷаҳон ҳоло ягон кишвар пурра аз ин беморӣ озод нест, худ далели равшани аҳаммияти баланди иҷтимоӣ ва иқтисодии он мебошад. Бо дарназардошти паҳншавии густурда ва таъсири вазнини иҷтимоии сил, Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ соли 1993 онро «Хатари умумиҷаҳонӣ» эълон кард. Тибқи пешгӯиҳои коршиносон, ин беморӣ дар даҳсолаи оянда метавонад то 30 миллион нафарро сироят намояд. Айни ҳол беш аз 48 миллион аҳолии ҷаҳон ба сил мубтало буда, ҳар сол то 8 миллион ҳолати нави сироят ва тақрибан 3 миллион марг ба қайд гирифта мешавад.

Сил дар радифи бемориҳои сирояткунандаи ҳайвонот ва одамон мавқеи хосро ишғол менамояд. Гарчанде ки бемории сил назар ба бисёр бемориҳои сироятии дигар бештар омӯхта шудааст, он то ҳол дар бисёр ҷиҳатҳо ҳамчун бемории муаммодор боқӣ мондааст. Дар шароити Тоҷикистон, сарфи назар аз тадбирҳои андешидашудаи пешгирӣ ва солимгардонии чорво, вазъи эпизоотии сили чорвои калони кишоварзӣ ҳамоно шиддатнок ва пурмасъала мебошад.

Ташхиси саривақтӣ ва дуруст асоси ҳама чорабиниҳои зиддисилиро ташкил медиҳад. Усули асосии муайянсозии бемории сил ин санҷиши дохилипӯстии туберкулинӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон самаранокии амалии худро собит намудааст. Аммо натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ҳангоми сенсибилизатсияи ҳайвонот бо микобактерияҳои атипикӣ гузоштани ташхиси дақиқи сил бо ин усул душвор мегардад.

Аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доштани тадқиқоти гузаронидашуда пеш аз ҳама ба зарурати муайян кардани сабабҳои афзоиши аксуламалҳои мусбат ба туберкулин дар чорвои инфиродӣ, муайян намудани таъсири вояи ППД–туберкулини ширхӯрон ба зоҳиршавии аксуламалҳои бодигармӣ, арзёбии муқоисавии самаранокии санҷиши симултании туберкулинии ППД барои ширхӯрон бо туберкулини парандагон ва

маҷмуи микобактерияҳои ғайрисил. инчунин таҳлили табиати аксуламалҳои мусбат ва роҳҳои пешгирии хуруҷи беморӣ асос меёбад.

Хулоса метавон кайд кард, ки рисолаи илмии довталаб Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» аз рӯйи аҳамият ва мубрам будани мавзӯи таҳқиқот, навовариҳои илмӣ ва хусусиятҳои назариявӣ-амалӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ мебошад.

Сардори шуъбаи бемориҳои
хроникии ҳайвонот, паранда,
замбури асал ва моҳии Маркази
Ҷумҳуриявии зиддиэпизоотии КБО ҲҶТ
номзади илмҳои ветеринарӣ Шукурзода Ш.Р.
10.12.с2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
куч Мояковский 70 /2.
Tel.: (992) 907-72-58-24;
E-Mail.: sharof81_81@mail.ru

Имзои Шукурзода Ш.Р.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадри
Кумитаи бехатарии озуқавории назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонализода Б.

ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДР

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21;
Tel.: (+992-37) 227-97-29;
E-Mail.: b.umumikbo@mail.ru
10.12.с2025